Нусха

аз суратмаҷлиси ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 30-уми сентябри соли 2022, №2/5.5(а)

**Раиси Шуро:** д.и.ҳ, профессор Ибодуллозода А.И.

**Котиби Шуро**: Д.Бердиёров

**Иштирок доштанд**: аз 33 нафар аъзои Шуро, 28 нафар.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Муҳокимаи диссертатсияи аспиранти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи "Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. - фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод карда шудааст.

**Шунида шуд:** Баромади аспиранти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи "Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон".

**Баромад карданд:** Муқарризи холис - н.и.ф., дотсент И.Мирасанов. Бояд қайд кард, ки аспирант ҳангоми таҳияи диссертатсия аз ҷанбаи фалсафӣ асосҳои илмӣ-методологии пайдоиш ва тавсеаи муколамаи фарҳангҳо дар таърихи тамаддуни башарӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, сарчашмаҳои асосии ташаккули назарияи гуфтугӯи тамаддунҳо илман асоснок менамояд. Инчунин, нақш ва ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар тавсеаи муколамаи фарҳангҳо ҷиҳати ҳалли низоъ ва бархӯрдҳои байни кишварҳои ҷомеаи имрӯза, пешниҳоди масоили характери глобалидошта муайян менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки

сохтори диссертатсия мантиқан ба низом дароварда шуда, максад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шудаанд, инчунин пешниходу таклифҳои муаллиф илман асоснокшуда мебошанд. Эрод ва тавсияҳо дар тақриз дарҷ карда шудаанд.

Муқарризи холис-н.и.ф., мудири кафедраи фанҳои умумидонишгоҳии ДАТ ба номи Ш.Шотемур У.Раҳматов. Диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи "Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. - фалсафаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи имрӯза яке аз масъалаҳои мубрам ва таҳқиқпазир ба ҳисоб меравад.

Мақсади таҳқиқот омӯзиш ва таҳқиқ кардани асосҳои илмӣ-методологии масъалаи муколамаи фарҳангҳо, нақш ва ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавсеа ва таҳкими он, мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот ба кормандони идораҳои давлатӣ, низоъшиносон, коршиносони соҳавӣ роҳҳои ҳалли масъалаҳои пайдошударо тавассути риояи принсипҳои муколамаи тамаддунҳо нишон медиҳад. Маводи таҳқиқот баҳри мустааҳкам кардани хотираи таърихӣ ба муҳаққиқон, насли ҷавони кишвар ҷиҳати гирифтани маълумоти зарурӣ оид ба саҳми таърихии тоҷикон ва нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва тавсеаи муколамаи фарҳангҳо, пешниҳоди масоили характери глобалидошта ва пешоҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли ин масоил, мусоидат менамоянд. Маводи коркардшуда метавонанд барои ҷомеашиносон, низоъшиносон, муҳаққиқон, омӯзгорони соҳавӣ ҷиҳати таҳияи китобҳои дарсӣ, рисолаҳои илмӣ, дастурамалҳои тавсиявӣ ва ғайра ба сифати манбаъ хизмат кунанд. Диссертатсияи Г.И.Бердиёрова ба талаботи муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, баррои муҳокимаи навбатӣ тавсия дода мешавад.

**Муҳокима**: д.и.т., профессор А.Ҳусейнов, н.и.ф., дотсент Ҳ.Зикирзода баромад намуда, кайд карданд, ки мавзуи илмии баррасинамудаи аспиранти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ вобаста ба талаботи шароити иҷтимоии мамлакат ва дурнамои рушди он мубрам ба хисоб меравад. Дар маҷмуъ, Диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи “Муколамаи фарҳангҳо ва накши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. - фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод карда шудааст, ба зинаҳои минбаъдаи ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Қарори Шурои олимон:**

1. Диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи “Муколамаи фарҳангҳо ва накши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. - фалсафаи иҷтимоӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи “Муколамаи фарҳангҳо ва накши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. - фалсафаи иҷтимоӣ барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, д.и.ҳ., профессор Д.Сангинов вогузор карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 30-юми сентябри соли 2022, суратҷаласаи №2/5.5(а) қабул гардидааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
Тарафдор - 28;

Муқобил - нест;
Бетараф –нест.

Раиси Шурои олимони
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ
д.и.ҳ., профессор Ибодуллозода А.И.

Котиби Шурои олимони
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Бердиёров Д.

Муқарриз,
н.и.ф, дотсенти кафедраи фалсафаи
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мирасанов М.

Муқарриз
н.и.ф., мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
ДАТ ба номи Ш.Шотемур Раҳматов У.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.
«___»_________________ 2022 с.